# 08 00 00 ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ
# 08 00 00 ЭКОНОМИЧЕСКИЕ НАУКИ
# 08 00 00 ECONOMY SCIENCES

## 08 00 01 ЭКОНОМИЧЕСКАЯ ТЕОРИЯ
## 08 00 01 ECONOMIC THEORY

*УДК 330*
*ББК 65.011.212*

### *ГУРӮҲБАНДИИ ХАРОҶОТИ ТРАНСАКСИОНӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР*

***Мирбобоев Рахматулло Мадаюбович,*** *муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон;*
***Холматова Сурайё Абдусаторовна,*** *ассистенти кафедраи умумидонишгоҳии назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисодии Тоҷикистон*

### *КЛАССИФИКАЦИЯ ТРАНСАКЦИОННЫХ ИЗДЕРЖЕК В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ*

***Мирбобоев Рахматулло Мадаюбович,*** *первый заместитель министра образования и науки Республики Таджикистан;* ***Холматова Сурайё Абдусаторовна,*** *ассистент общеуниверситетской кафедры экономической теории Таджикского государственного финансово-экономического университета*

### *CLASSIFICATION OF TRANSACTION COSTS UNDER MODERN CONDITIONS*

***Mirboboev Rakhmatullo Madayubovich,*** *First Deputy Minister of Education and Science of the Republic of Tajikistan;*
***Kholmatova Surayo Abdusatorovna,*** *assistant of the general University department of economic theory under the Tajik State Financial-Economic University (Tajikistan, Dushanbe)*
***E-MAIL:*** *mirrah56@mail.ru*

***Калидвожаҳо:*** *хароҷоти трансаксионӣ, иқтисодиёт, назарияи иқтисодӣ, иқтисодиёти неоинститутсионалӣ, корхона, ташкилот, бозор, созишнома, субъекти иқтисодӣ, гурӯҳбандӣ*

*Дар мақола мафҳуми хароҷот ва хароҷоти трансаксионӣ ва таркиби онҳо ҳамчун ҷузъи муҳими фаъолияти хоҷагидорӣ баррасӣ гардида, нақши онҳо дар шароити тавсеаи муносибатҳои иқтисодии хориҷии субъектҳои иқтисодӣ ошкор карда шудааст. Фикру ақидаҳои гуногуни илмӣ дар бобати гурӯҳбандии хароҷоти трансаксионӣ, ки бинобар хусусиятҳои хос дар фаъолияти субъектҳои хоҷагидорикунанда ба таври ногаҳонӣ пайдо мешаванд, мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Тахминҳои назариявии гурӯҳбандии хароҷоти трансаксионӣ бо дарназардошти шадид гардидани рақобат дар бозор баррасӣ гардидааст. Муаллифон сохтори дурусти хароҷоти трансаксиониро таҳия намуда,*

*ҷойгиршавии онҳоро дар фаъолияти хоҷагидории субъектҳои иқтисодӣ асоснок кардаанд. Зарурати гурӯҳбандии хароҷоти трансаксионӣ дар фаъолияти корхонаву ташкилотҳои муосир, дар шароити афзудани таҳдидҳои зиёдшавии хароҷоти трансаксионӣ пешниҳод гардидааст.*

***Ключевые слова:*** *трансакционные издержки, экономика, экономическая теория, неоинституциональная экономика, предприятия, экономический субъект, классификация*

*Рассматриваются понятия «трансакция» и «трансакционные издержки», показана их сущность как важного компонента хозяйственной деятельности, а также роль в условиях расширения международных экономических отношений экономических субъектов. Анализируются различные научные идеи и многогранные научные точки зрения в области раскрытия и группирования трансакционных издержек, которые, согласно их специфическим особенностям, неожиданно появляются в деятельности экономических субъектов. Раскрываются теоретические положения, касающиеся классификации трансакционных издержек, с учетом усиления конкуренции на рынке. Упорядочена структура трансакционных издержек и обосновано их местоположение в хозяйственной деятельности экономических субъектов. Обоснована необходимость классификации трансакционных издержек в деятельности современных предприятий и фирм в условиях повышения угрозы их роста.*

***Keywords:*** *transaction costs, economics, economic theory, neoinstitutional economics, enterprises, economic entity, classification*

*The article dwells on the concepts of "transaction" and "transaction costs", shows their essence as an important component of economic activity, their role in the context of intensification of international economic relations of economic entities. The author analyzes various scientific ideas and multifaceted scientific points of view in the field of disclosing and grouping of transaction costs which, due to their specific features, appear unexpectedly in the activities of economic entities. Theoretical assumptions are made as to classification of transaction costs; intensified competition at the market being taken into account. The authors put in good order the structure of transaction costs and substantiate theer place in economic activities of economy entities.The necessity of classification of transaction costs in the activities of modern enterprises and firms in the face of increasing threats to their growth is well-grounded.*

Дар шароити муосири муносибатҳои иқтисодӣ барои субъектҳои хоҷагидори-кунанда хароҷоти трансаксионӣ нишондиҳандаи муҳим, заминагузори асосӣ ва ҷузъи таркибии фаъолияти муътадили онҳо ба шумор меравад. Дар ин замина интихоби роҳу услуҳои ошкорсозӣ, баҳисобгирӣ ва инчунин саривақт чораҷӯи намудан нисбати онҳо гурӯҳбандии илмиро тақозо менамояд. Аз ин рӯ, ҳангоме, ки муносибатҳои иқтисодии бурунмарзии корхонаву ташкилотҳои ватанӣ густариш ёфта, шаклу намудҳои хароҷоти трансаксионӣ дигаргун ва ноаён мегардад, гурӯҳбандӣ ва дуруст ҷо ба ҷо намудани хароҷоти трансаксионӣ муҳимияти хосро пайдо менамояд.

Дар илми назарияи иқтисодӣ мафҳуми илмии хароҷоти трансаксионӣ бори аввал дар таҳқиқоти олим ва иқтисоддони амрикоӣ Р. Коуз мавриди баррасӣ ва омӯзиш

қарор дода шуда буд. Ӯ дар яке аз мақолаҳои илмии худ «Табиати ташкилот» соли 1937-ум исбот намудааст, ки дар шартномабандии байни харидор ва фурӯшанда робитаи дутарафаи онҳо ташкил карда шуда, барои ҳаллу фасли масъалаҳои муштарак гузаронидани гуфтушунидҳо доир мегардад. Инчунин бояд ҳатман назорати иҷрои талаботи шартномаи тарафайн ҷорӣ карда шавад. Маҳз барои ҳамин, Р. Коуз хароҷоти трансаксиониро ҳамчун «хароҷоти истифодабарии механизми бозории» аввалиндараҷа шуморида буд [5,28].

Баъдан ин мафҳум дар доираи илмҳои иқтисодӣ маънии васеи дигарро пайдо намуд. Бо гузашти солҳо ва васеъшавии доираи омӯзиши илмӣ, ҳама гуна хароҷоти сарфшавандаро барои ҳамкориҳои субъектҳои иқтисодӣ новобаста аз доираи бозор ба хароҷоти трансаксионӣ ворид намуданд. Дар доираи назарияи иқтисодии неоинститутсионалӣ то ҳол гурӯҳбандии ягонаи хароҷоти трансаксионӣ тартиб дода нашудааст. Ҳарчанд ба иттифоқи орои як қатор олимон гурӯҳбандии намудҳои асосии шаклҳои хароҷоти трансаксионӣ сурат гирифтааст. Масалан, хароҷоти трансаксионӣ дар таҳқиқоти О. Уилямс ҳамчун «рафтори бемасъулиятона» ишора шудааст. П. Милф ва Ҷ. Роберт онҳоро ҳамчун «хароҷоти сафарбарнамоӣ», яъне хароҷоти ҳамоҳангсоз ва ҳавасмандкунанда донистаанд, М. Ҷонсон ва У. Меклин бошад онҳоро «хароҷоти мониторинги рафтори субъектҳои иқтисодӣ» [7, 305] шуморида, дар як равияи алоҳида таҳқиқот намудаанд. Т. Эггерсон ҳамчун «хароҷоти аз фишори тарафи сеюм ҳифзкунанда» [3,52] маънидод намудааст. Г. Хансманс бошад, хароҷоти трансаксиониро ба «хароҷоти қабули гурӯҳии қарорҳо» дохил менамояд ва К.Далман онҳоро ба гурӯҳи «хароҷоти ҷамъоварии маълумот ва коркарди онҳо, хароҷоти баргузории гуфтушунидҳо, хароҷоти назорат ва ҳифзи ҳуқуқии шартномаҳо» ворид намуда, маънидод кардаанд (8, с. 148).

Т. Эггертсон қайд мекунад, хароҷоти трансаксионӣ- ҳамон хароҷоте мебошад, ки мувофиқ ба он шахсони инфиродӣ ҳуқуқҳои моликиятро бо дороиҳои иқтисодӣ мубодила менамоянду ҳуқуқи мустақими худро пайдо менамоянд [6,44]. Ӯ якчанд шаклҳои хароҷоти трансаксиониро аз рӯи намуди фаъолият ва иштироки онҳо дар мубодилаи ҳуқуқи моликият ба таври зерин ҷудо намудааст:

- ҷустуҷӯи иттилоот оид ба муайянсозии нархҳо ва сифати молу маҳсулот, захираҳои меҳнатӣ, инчунин ҷустуҷӯи харидорони пуриқтидор ва маълумот (иттилоот) дар бораи рафтору вазъи моддии онҳо;
- савдо, барои муайянсозии мавқеи аслии фурӯшандагон ва харидорон;
- таҳияи шартномаҳо;
- назорати шарикон бо мақсади тафтиши иҷрои талаботи шартномаи онҳо;
- таъмини иҷроиши шартнома ва барқарор намудани хароҷоте, ки ҳангоми аз ҷониби шарикон ӯҳдадориҳои шартномавии худро иҷро накардан пайдо мешавад;

ҳифзи ҳуқуқи моликият аз манфиатҳои (таъсиррасонӣ, дахолат) шахси сеюм.

Ақидаи Т. Эггертсонро дастгирӣ намуда, қайд намудан зарур аст, ки дар ҳақиқат мулоҳизаҳои илмии ӯ ба нуқтаи назари дигар иқтисоддонону муҳаққиқон робита ва ё шабоҳат доранд. Агар ба гурӯҳбандии хароҷоти трансаксионии Т. Эггертсон диққат диҳем, маълум мегардад, ки онҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст. Ба гурӯҳи якум се шакли аввали хароҷоти трансаксионии нишондодашудаи ӯ, яъне ҷустуҷӯи иттилоот, савдо ва шартномабандиро аз рӯи хусусиятҳояшон дохил намудан мумкин аст. Ба гурӯҳи дуюм бошад, назорати риояи талаботи шартнома ва таъмини иҷрои

мунтазами онҳо, инчунин ҳифзи ҳуқуқи моликият дохил мешавад, ки онҳо бештар дар таҳқиқоти П. Милгром ва Ҷ. Роберт баррасӣ гардидаанд. Муҳаққиқони мазкур робитаи онҳоро бо хароҷоти трансаксионии хусусияти ҳавасмандикунандаю ҳамоҳангсозанда дошта нишон дода буданд.

Ҳамин тавр, хароҷоти ҳамоҳангсозанда дар якҷоягӣ бо трансаксияҳои тавсифи муайянкунандаи нархҳо, расонидани иттилоот оид ба харидорону фурӯшандагон, маълумоти ягона барои баргузории амалиёт робитаи мустаҳкам доранд. Масалан, хароҷоте, ки ҳангоми муайянсозии хоҳиши истеъмолкунандагон пайдо мешаванд, яъне тавассути реклама, вақт, инчунин масрафи ҷустуҷӯи молрасонандагоне, ки нархҳои хубро пешниҳод менамоянд. Хароҷоти ҳавасмандкунанда бошад хароҷоте мебошад, ки аз нопуррагӣ ва номутобиқии иттилооти бадастомада пайдо мешавад. Ин шакли хароҷот ҳангоми нокифоя будани иттилоот дар бораи муайян намудани самаранокии шартҳои трансаксияҳо, инчунин номаълум будани натиҷаи иҷрои саривақтии шартҳои шартнома пайдо мешаванд.

Дар ҳошияи ин шаклҳои масраф иқтисоддони рус Р. Капелюшников низ хароҷоти трансаксиониро ба шаш намуди алоҳида ҷудо намудааст: хароҷоти ҷустуҷӯи иттилоот, хароҷоти баргузории гуфтушунидҳо, хароҷоти ченкунӣ (ошкорсозӣ), хароҷоти махсус ва ҳимояи ҳуқуқи моликият, хароҷоти рафтори бемасъулиятона [4, с.95].

Маълум мегардад, ки иқтисоддони рус ҳамаи шаклҳои хароҷоти трансаксиониро аз рӯи махсусият ва макони пайдоишашон ҷудо намуда, зикр кардааст, ки тарафҳо чи гуна ба амалиёти якҷоя омода мешаванд ва баъдан маҷбур мегарданд, ки шарту уҳдадориҳои шартномаи басташударо иҷро намоянд.

***Расми 1.*** *Гурӯҳбандии шаклҳои хароҷоти трансаксионӣ*




Чунончӣ, Ҷ. Уоллис ва Д. Норт яке аз аввалинҳо шуда, муайян намудани ҳаҷм ва миқдори хароҷоти таъсиркунандаро мавриди таҳқиқи илмӣ қарор дода буданд. Онҳо ба сифати ченак гирдгардиши бахши трансаксияро, бахусус, бахши трансаксионии

давлатиро истифода намуда буданд, ки дар он савдои яклухт ва чакана, суғурта, фаъолияти бонкӣ, амалиётҳои амволи ғайриманқул, масрафоти дастгоҳи идоракунандаи соҳаҳо, хароҷоти давлат ба фаъолияти судӣ, ҳифзи ҳуқуқ дохил мешаванд. Натиҷаи муайян намудани миқдор ва ҳаҷми хароҷоти трансаксионӣ метавонад ба механимзҳои амалигардонии барномаҳои содиротии молу маҳсулоти ватанӣ таъсири мусбат расонида, суръати афзоиши ММД-и кишварро афзун намояд.

Хароҷот барои ҷамъоварӣ ва коркарди маълумот унсури аввалиндараҷаи хароҷоти трансаксионӣ буда, дар муайянсозии ҳаҷми хароҷот аз сикли банақшагирии фаъолияти истеҳсолӣ то ба татбиқ кардани ҳадафҳои стратегии субъектҳои хоҷагидорикунанда нақши муҳимро мебозад. Агар ба фаъолияти истеҳсолии корхонаҳои дилхоҳи ватанӣ назар андозем, дар он ҷо дар мадди аввал ҷамъоварии маълумот, ҳатто дар сикли ташкилии корхона ҳамчун воситаи аввалиндараҷа баромад менамояд. Баъдан дар рафти ҷустуҷӯи харидорону бозорҳои нав ва маълумот дар бораи хусусиятҳои истеъмолии онҳо ҳадафҳои стратегии корхонаро маълум карда метавонад. Албатта дар шароити муосир, ҳангоме, ки имкониятҳои густариши ҳамгироии субъектҳои хоҷагидорикунандаи иқтисодиёт афзун гардидааст, роҳҳо ва сарчашмаҳои пайдо намудани маълумот (ахбор) равишҳои махсусро тақозо менамояд. Ҳамзамон омилҳо, ба монанди омилҳои инфрасохторӣ пайдо мешаванд, ки дурустӣ ва дақиқию фоиданокии маълумотро таъмин карда метавонад.

Хароҷот барои ҷустуҷӯи шарикон ва харидорони нав (роҳ ёфтан ба бозорҳои нав) гурӯҳи таркибии хароҷоти трансаксионӣ маҳсуб ёфта, аз омилҳои касбият, бахусус истеъдод ва малакаи кории намояндагии корхона вобастагии калон дорад. Зеро ҳангоми бастани шартномаҳо маҳз истеъдоди муошират ва этикаи касбии намояндаи як корхона метавонад барои дарёфти бозору харидорони нав мусоидат намуда, ҳаҷми хароҷоти трансаксиониро бо роҳи қабули қарори муфид нисбатан кам намояд. Гузашта аз ин, дар ин раванд омилҳои муҳити корӣ ва дастаҷамъии қарорҳо низ метавонад ба муайянсозии ҳаҷми хароҷоти трансаксионӣ таъсир расонад. Масалан, дар ҳолати муҳити ноороми ҳайат бахусус шарикон ё иштироккунандагони созишнома мухолифат ва ё зиддият пайдо гардида, қабули қарорҳои муфид ғайриимкон мегардад.

Хароҷот барои баргузории гуфтушунидҳо ва қабули қарорҳои дастаҷамъона дар гурӯҳбандии таркибии шаклҳои хароҷоти трансаксионӣ ҳамчун ҷараёни амиқи пайдошавии хароҷоти трансакионӣ арзёбӣ мегардад. Мувофиқи аломатҳои ба вуҷуд омадани онҳо таъсири омилҳои муҳити корӣ ва дастаҷамъии қарорҳо фаъол гардида, ҳамзамон якбора бо равандҳои муайянсозии хароҷот барои ҷустуҷӯи шарикон ва харидорон роҳ ёфтан ба бозорҳои нав якдигарро пурра мегардонанд.

Мусаллам аст, ки дар рушди муносибатҳои хоҷагидории субъектҳои иқтисодии имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон созиш ва муносибати мутақобилаи онҳо, муносибати шартномавӣ аҳамияти хоса дорад. Дар ин ҳошия, баъди созишҳои тарафайн барои саривақт ва бо масъулияти баланд иҷро намудани вазифа ва уҳдадориҳои шартномавӣ барои тарафҳо на ҳама вақт аҳамияти ҷиддӣ дода мешавад. Дар баъзе мавридҳо амали бемасъулиятонаи яке аз тарафҳо мушоҳида гардида, дар натиҷа барои тарафи дигар, аниқтараш барои шариконаш хароҷоти трансаксионии иловагиро замина мегузорад. Барои ҳамин дар гурӯҳбандии сохтории хароҷоти трансаксионӣ мониторинг ва назорати мунтазами онҳо ҳатмӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, дар илми назарияи иқтисодӣ истифодаи мафҳуми хароҷоти трансаксионӣ, яке аз дастовардҳои муҳимтарини назарияи иқтисодии неоинститутсионалӣ гардид. Ин мафҳум шароит фароҳам овард, ки имкониятҳои таҳлили мушкилиҳои ғайристандартии иқтисодии ташкилотҳо зиёд гардида, пайдошавии инҳисорият коста гардад. Яъне назарияи хароҷоти трансаксионӣ дар илми иқтисодӣ натанҳо паҳлӯҳои манфии масрафоти пулию молӣ дорад, балки он як қатор хусусиятҳои хоси худро нисбат ба назарияи ташкилот доро мебошад, ки дар якҷоягӣ барои рушди устувори ташкилот ҳамчун сабаби муҳим гардида метавонад. Аз ҳамин сабаб ҳангоме, ки хароҷоти трансаксионӣ бештар ба таври ғайричашмдошт ва ногаҳонӣ пайдо гардида, рушди корхонаю ташкилотҳоро боз медорад, гурӯҳбандӣ ва коркарди чораҳои зарурии бартарафкунандаи хароҷоти трансаксионӣ нақши калидиро мебозад. Чунки ҳангоми мавҷуд набудани гурӯҳбандии хароҷоти трансаксионӣ ҳамагуна хароҷот дар шакли печу дар печ пайдо гардида, ҳаллу фасли онҳо мушкил мегардад. Дар ҳолате, ки корхонаву ташкилотҳои ватанӣ ҳамаи хароҷоти худро, бахусус, хароҷоти трансаксионии худро ба таври таркибӣ ҷудо менамоянд, роҳҳу усулҳои осону муфиди бартараф намудани онҳо бештар мегардад.

**ПАЙНАВИШТ:**

1. *Аузан А.А. Институциональная экономика. -М.: Экономистъ, 2004. – 192 с.*
2. *Варламова В.В. Управленческий учет трансакционных издержек// Экономический вестник Ростовского государственного университета. -2008. Том 6. - № 1. Часть 3. – 256 с.*
3. *Самошилова Г.М., Ванчина И.И. Трансакционные издержки в современных экономических исследованиях //Вестник ОмГУ. Серия: Экономика.-2018.- 4. -С. 52-58.*
4. *Капелюшников Р. И. Теория трансакционных издержек. – М., 2000. – 252 с.*
5. *Коуз Р.Г. Нобелевская лекция «Институциональная структура производства» (1991) // Природа фирмы: Пер. с англ. - М.: Дело, 2001. -109 с.*
6. *Эггертссон Т. Экономическое поведение и институты. -М.: Дело, 2001. – 407 с.*
7. *Jensen M.C., Meckling W.H. Theory of the Firm: Managerial Behavior, Agency Costs and Ownership Structure. Journal of Financial Economics. 3(4). 1976. P. 305-360.*

**Reference Literature:**

1. *Auzan A. A. Institutional Economics. – M.: Economist, 2004, - 192 pp.*
2. *Varlamova V. V. Managerial Discount of Transaction. Costs Economics Bulletin of Rostov-on-the-Don State University. 2008, V.6., #1, part 3. – 256 pp.*
3. *Samoshilova G.M., Vanchina I. I. Transaction Costs in Modern Economic Explorations // Bulletin of Omsk State University. Series: Economics 2018, N4. – pp. 52-58*
4. *Kapelyushnikov R. I. Teory of Transaction Costs. – M., 200. – 252 pp.*
5. *Kouz R. G. "Institutional Structure of Manufacturing" Nobel Lecture (1991) // Nature of Firm: translation from English. – M.: Business, 2001. – 109 pp.*
6. *Eggertsson T. Economic Behavior and Institutes. – M.: Business, 2001. – 407 pp.*
7. *Jensen M.C., Meckling W.H. Theory of the Firm: Managerial Behavior, Agency Costs and Ownership Structure. Journal of Financial Economics. 3(4). 1976. -PP. 305-360.*